# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Шарифзода Нурулло Шариф дар мавзуи «Баҳодиҳии захираҳои бонкӣ ҳамчун унсури иқтидори молиявию сармоягузории мамлакат», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст**

Шарифзода Нурулло Шариф пас аз хатми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси фаъолияти бонкӣ, бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон таҳти №20/И аз 28.01.2019 ба ҳайси унвонҷӯ қабул шуда, таҳти №108/И-у аз 15.12.2022 онро бо ихтисоси 08.00.10 - Молия, муомилоти пул ва қарз, ки ҳоло он ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз номгузорӣ гардидааст дар заминаи кафедраи фаъолияти бонкӣ хатм намудааст. Ҳамзамон, ӯ фаъолияти илмӣ-омӯзгории худро дар кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон идома дода истодааст. Шарифзода Нурулло Шариф дар раванди фаъолияти педагогӣ ва таҳқиқотҳои илмӣ қобилияти хуби эҷодӣ нишон дода, дар ҳалли доираи васеи масъалаҳои рушди низоми бонкӣ, пулию қарзӣ ва ҳамоҳангии онҳо бо муаммоҳои муҳимтарини иқтисодиёт, аз ҷумла захираҳои бонкӣ, инчунин таҳияи тавсияҳои методӣ дар самти ташаккулу идоракунии рушди соҳа мустақилият зоҳир намуда истодааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки Шарифзода Нурулло Шариф дар баробари иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, дар таълиму тарбияи донишҷӯён низ фаъол аст. Зимни навиштани диссертатсияи номзадӣ, зиёда аз 15 мақолаҳои илмӣ ва 3 васоити таълимӣ нашр ва ҷиҳати татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти худ дар семинару конференсияҳои гуногуни дохилӣ ва хориҷӣ маърӯза намудааст, ки аз ҷониби мутахассисони соҳа бо натиҷаҳои баланд арзёбӣ карда шудаанд.

Унвонҷӯ дар баробари самтҳои гуногуни суботи молиявии кишвар, инчунин ба муаммоҳои низоми бонкӣ, махсусан ба нақши захираҳои бонкӣ дар баландбардории иқтидори молиявию сармоягузории кишвар таҳқиқотҳо гузаронида, мубрамият, нуктаҳои асосии таҳқиқоти мавзӯъ ва моҳияти онро ба таври васеъ дар рисолаи илмӣ инъикос намудааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки

унвонҷӯ баҳри ташаккул, идора ва баҳо додани захираҳои бонкӣ аз адабиёти ватанию хориҷӣ ва таҳлили нишондиҳандаҳои молиявии онҳо, ба таври васеъ истифода намудааст. Инчунин истифодаи таҷрибаи бонкдории як қатор давлатҳои рӯ ба инкишоф ва инкишофёфта ба ӯ имкон дод, ки паҳлӯҳои назариявию амалии таҳқиқот дар ин самт, такмил ва рушди муаммоҳои низоми бонкӣ ва таъсири онҳоро ба ташаккули захираҳои бонкӣ баён намояд.

Кори диссертатсионии Шарифзода Нурулло Шариф муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашударо дарбар мегирад. Сарчашма ва дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи Шарифзода Нурулло Шариф аз истифодаи маводҳои илмию методӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, маълумотҳои омории Бонки миллии Тоҷикистон, маҷмӯаҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ, натиҷаҳои мушоҳидаҳои бевоситаи муаллиф ва мутахассисону коршиносони низоми бонкӣ ташкил медиҳад.

Рисолаи номзадии Шарифзода Нурулло Шариф дар мавзуи «Баҳодиҳии захираҳои бонкӣ ҳамчун унсури иқтидори молиявию сармоягузории мамлакат», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, кори мустақилона анҷомдода ба ҳисоб рафта, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омода намудани рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, барои ҳимояи ниҳоӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон тавсия карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**д.и.и., профессор, директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон** **Ш. Раҳимзода**

Имзои д.и.и., профессор, Ш. Раҳимзодаро тасдиқ менамоям.
**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ** **М.С. Зиёева**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, шаҳри Душанбе, кучаи Айнӣ 44.
Тел./факс: (+992 37) 221 67 50, Email: shama100@inbox.ru

06.11.2024